# наҳй карданд ва гуфтанд: "Назр некӣ намеоварад, балки ба воситаи он миқдоре аз моли бахил бароварда мешавад

Аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки аз назр наҳй карданд ва гуфтанд: "Назр некӣ намеоварад, балки ба воситаи он миқдоре аз моли бахил бароварда мешавад."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз назр кардан манъ карданд. Назр ин аст, ки инсон чизеро бар гардани худ воҷиб мегардонад, дар ҳоле ки шариат ӯро ба он мукаллаф накардааст. Он Ҳазрат фармуд, ки назр чизеро пеш ё қафо намеандозад, балки бо назр аз шахси бахил чизе гирифта мешавад, касе, ки танҳо вазифаҳои воҷибашро иҷро мекунад. Назр чизеро, ки барояш муқаддар нашуда бошад, намеорад.